# 556 аз 03.10.2023

«Оиди аз ҷониби шуъба ва бахшҳои бақайдгирии давлатӣ
дар шакли электронӣ қатъ намудани фаъолияти соҳибкорони
инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда»

Бо мақсади ба танзим даровардани фаъолияти шуъбаҳо ва бахшҳои бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ, дар шакли электронӣ анҷом додани амалҳои бақайдгирии давлатии қатъи фаъолияти соҳибкорони инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда, мутобиқ ба талаботи моддаи 4 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқи ва соҳибкорони инфиродӣ», моддаи 167 Кодекси андоз ва банди 16 Низомномаи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон,

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Бо мақсади таъмини иҷрои Фармоиши Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Доир ба Тартиби қатъи фаъолияти соҳибкорони инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда» (аз 24 августи соли 2023, № 406), кормандони шуъбаҳо ва бахшҳои бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дар вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо вазифадор карда мешаванд:

- барои ба воситаи утоқи шахсӣ ва бо тартиби электронӣ муроҷиат намудани соҳибкорони инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда (ба истисноӣ соҳибкорони инфиродии дар банди 10 Тартиб пешбинигардида) ва пур кардани аризаи шакли тасдиқшудаи № 09 «оид ба қатъи фаъолияти соҳибкори инфиродӣ» ба андозсупорандагон мунтазам корӣ фаҳмондадиҳи гузаронанд;

- баъд аз анҷом ёфтани расмиёти бақайдгирӣ оид ба қатъи фаъолият ва ворид шудани маълумоти дахлдор ба Феҳристи ягонаи давлатӣ, ба ҳуҷраи шахсии соҳибкори инфиродӣ, дар муҳлати 1 рузи корӣ нусхаи ба таври электрони тасдиқшудаи Иқтибос оид ба қатъ гардидани фаъолияти соҳибкори инфиродиро ирсол намоянд;

- дар давоми 5 рузи корӣ оид ба ному насаб ва рақами ягонаи мушаххаси соҳибкори инфиродии фаъолияташ қатъ гардида, дар рузномаи «Боҷу

хироҷ», сомонаи Кумитаи андоз ва рӯзномаҳои ноҳиявӣ (шаҳрӣ) эълон нашр намоянд;

- ҳуҷҷатҳои ба таври электронӣ пешниҳоднамудаи соҳибкорони инфиродии фаъолияташон қатъ шударо аз модули барномаи компютерии «Бақайдгирии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» ба чоп расонида, якҷоя бо нусхаи аслии шаҳодатнома ва иқтибос аз Феҳристи ягонаи давлатӣ дар шакли парвандаи алоҳида омода намуда, ба бойгонии Раёсати бақайдгирии андозсупорандагон супоранд.

2. Раёсати бақайдгирии андозсупорандагон якҷо бо сарраёсатҳои назорати андоз, маъмурикунонии андоз ва КВД "Маркази барномасозӣ маъмурикунонии андоз" то рузи 05.10.2023 модули барномаи компютерии «Бақайдгирии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ»-ро ба талаботи Фармоиши мазкур мутобиқ намуда, барои мунтазам такмил додани барномаи мазкур чораҷӯӣ намоянд.

3. Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон Фармоиши мазкурро барои ба маълумоти андозсупорандагон расонидан дар сомонаи Кумитаи андоз ҷойгир намуда, дар Ҳафтавораи "Боҷу хироҷ" ба чоп расонад.

4. Раёсати ташкили гардиши ҳуҷҷатҳо ва коргузорӣ Фармоиши мазкурро ба сарраёсатҳо, раёсатҳои Дастгоҳи марказии Кумитаи андоз ва мақомоти ҳудудии андоз дастрас намояд.

5. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи сардорони сарраёсатҳои маъмурикунонии андоз, назорати андоз ва Раёсати бақайдгирии андозсупорандагон вогузор карда шавад.

Раис Н. Давлатзода